**№396, аз 17.06.2025**

«Дар бораи тасдиқи Стандарти ягонаи
хизматрасонӣ ба андозсупорандагон»

Бо мақсади дар сатҳи замонавӣ ба роҳ мондани хизматрасониҳо ба шаҳрвандону андозсупорандагон ва содаю осон намудани иҷрои уҳдадориҳои андозӣ, тибқи муқаррароти моддаи 167 Кодекси андоз ва банди 16 Низомномаи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2012, №456 тасдиқ шудааст,

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Сохтор, таркиб, номгӯй ва муҳлати иҷрои Стандартҳои ягонаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон тибқи Замимаҳои 1 ва 2 ба фармоиши мазкур тасдиқ карда шавад.
2. Риояи талаботи Стандарти ягонаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон ҳангоми муносибат бо шаҳрвандону андозсупорандагон ва иҷрои уҳдадориҳои мансабӣ аз ҷониби ҳамаи воҳидҳои сохтории мақомоти андоз ҳатмӣ мебошад.
3. Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон ҷиҳати дар сомонаи Кумитаи андоз (www.andoz.tj) ҷойгир намудан ва дар рӯзномаи «Боҷу хироҷ» ба нашр расонидани он, чораҷӯӣ намояд.
4. Фармоиши Кумитаи андоз «Дар бораи тасдиқи Стандарти ягонаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон» аз 22.04.2024, №250 аз эътибор соқит дониста шавад.
5. Раёсати ташкили гардиши ҳуҷҷатҳо, коргузорӣ ва назорат фармоиши мазкурро ба раёсатҳои дастгоҳи марказӣ, раёсатҳои андоз дар ВМКБ, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе, РААК ва нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дастрас намояд.
6. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини Раиси Кумитаи андоз (сарпарасти соҳа) вогузор карда шавад.

Раис Н. Давлатзода

Замимаи №1
ба фармоиши Кумитаи андози назди
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «17» июни соли 2025, № 396

## Сохтор ва таркиби Стандарти ягонаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон

Стандарти ягонаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон бо мақсади баланд бардоштани дониши ҳуқуқӣ ва тафаккури шаҳрвандону андозсупорандагон дар муносибатҳои андозӣ, содаю осон намудани иҷрои уҳдадориҳои андозӣ ва дар сатҳи замонавӣ ба роҳ мондани хизматрасониҳои давлатии мақомоти андоз ба андозсупорандагон қабул гардидааст.

### 1. Муқаррароти умумӣ

1. Санади мазкур - Стандарти ягонаи хизматрасониҳои мақомоти андоз ба шаҳрвандон ва андозсупорандагонро муайян менамояд (минбаъд – СЯХА).

2. Иҷрои СЯХА барои ҳамаи воҳидҳои сохтории Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – Кумитаи андоз) ҳатмӣ мебошад.

3. Назорати риояи талаботи СЯХА ва дигар амалҳои алоқаманд ба хизматрасониҳои давлатии мақомоти андоз дар воҳидҳои сохтории мақомоти андоз аз ҷониби Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагони Кумитаи андоз амалӣ карда мешавад. Назорати хизматрасониҳои электронӣ бо истифода аз барномаҳои СИА, дар реҷаи вақти воқеӣ амалӣ карда мешаванд.

### 2.Сохтор ва таркиби СЯХА

4. СЯХА номгӯи хизматрасониҳои мақомоти андоз ва тартиби ба шаҳрвандону андозсупорандагон пешниҳод намудани хизматрасониҳоро дар бар мегирад.

5. Дар СЯХА хизматрасониҳои мақомоти андоз дар шакли ҷадвал (Замимаи №2) муайян гардидааст.

6. Сохтори хизматрасониҳои мақомоти андоз, ки дар СЯХА дохил карда шудаанд, аз рамз, номгӯй, муҳлати иҷро, лаҳзаи анҷоми хизматрасонӣ ба андозсупоранда, санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи хизматрасонӣ, арзиш ва масъули хизматрасонӣ иборат мебошад.

### 3.Мундариҷаи хизматрасониҳои СЯХА

7. Хизматрасониҳои Кумитаи андоз, ки дар СЯХА дохил карда шудаанд, ба намудҳои зерин гурӯҳбандӣ карда мешаванд:

01.00.00 – баҳисобгирии андозсупорандагон, гузоштан дар баҳисобгирӣ ва бақайдгирии андозӣ;

02.00.00 – бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ;
03.00.00 – бақайдгирӣ ва бекор кардани шаҳодатномаи андоз аз арзиши иловашуда (ААИ), бақайдгирии объектҳои бизнеси бозӣ;
04.00.00 – баҳисобгирии (бақайдгирии) андозҳо аз молу мулк (андоз аз объектҳои ғайриманкул, андози замин, андоз аз воситаҳои нақлиёт) ва объектҳои ба андозбандӣ алоқаманд;
05.00.00 – қабули эъломияҳои (ҳисоботҳои) андоз;
06.00.00 – додани маълумотномаҳо дар бораи ҳолати ҳисоббаробаркунӣ бо буҷети давлатӣ, тартиб додани санади муқоисавӣ;
07.00.00 – додани хулоса ҷиҳати баргардонидан ва ё баҳисобгирии маблағи барзиёд пардохташудаи андозҳо, фоизҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет;
08.00.00 – додани тасдиқнома ҳангоми содироти алюминийи аввалия;
09.00.00 – гузариш аз як низоми андозбандӣ ба дигар низоми андозбандӣ;
10.00.00 – пешбурди корҳои фаҳмондадиҳӣ ва тавзеҳотӣ;
11.00.00 – баррасии муроҷиатҳо ва шикоятҳои шаҳрвандон ва андозсупорандагон;
12.00.00 – кушодани ҳуҷраи шахсии андозсупоранда ва пешниҳоди калиди электронӣ.
8. Дар ҳолатҳои зарурӣ бо пешниҳодҳои асосноки раёсатҳои дастгоҳи марказии Кумитаи андоз, мақомоти ҳудудии андоз ва андозсупорандагон тибқи тартиби муқарраргардида ба намудҳои СЯХА тағйиротҳо ворид карда мешаванд.

## 4. Принсипҳои корӣ

9. Принсипҳои корӣ мутобиқи СЯХА дар мақомоти андоз инҳо мебошанд:
1) пешниҳод намудани маълумотҳои пурра оид ба ҷараёни хизматрасонӣ ба шаҳрвандон ва андозсупорандагон;
2) риояи ҳуқуқҳои шаҳрвандон ва андозсупорандагон ҳангоми хизматрасонӣ;
3) хушмуомилагӣ ва риояи одоби хизматчии давлатӣ;
4) нигоҳдорӣ, ҳимоя ва таъмини сирри маълумот, ки андозсупорандагон пешниҳод намудаанд.

## 5. Натиҷаҳои корӣ

10. Баҳогузории натиҷаҳои хизматрасонии давлатӣ ба андозсупорандагон ва дастрасии онҳо ба хизматрасониҳо, бо мониторинги нишондиҳандаҳои сифатӣ муайян карда мешавад.
11. Нишондиҳандаҳои сифатӣ ва дастрасии хизматрасониҳои давлатӣ, ки ба воситаи онҳо фаъолияти мақомоти андоз баҳогузорӣ карда мешавад, ҳар сол як маротиба баҳогузорӣ гардида, дар ҳафтаномаи «Боҷу

хироҷ» нашр ва дар сомонаи Кумитаи андоз ҷойгир карда мешавад.

12. Тавассути модули компютерии «Баҳогузории сифати хизматрасониҳо» назарпурсии сифати хизматрасониҳои мақомоти андоз гузаронида мешавад.

6. Тартиби шикоят намудан

13. Шикоят нисбати амали (бе амалии) кормандони масъули мақомоти андоз, ки ба шаҳрвандон ва андозсупорандагон хизмат мерасонанд, ба таври интихобӣ бо роҳҳои зерин амалӣ мегардад:

1) муроҷиатҳои хаттӣ ба Кумитаи андоз, бо суроғаи ш. Душанбе, кӯчаи Н.Қарабоев 42/2;

2) муроҷиатҳо ба сардорони мақомоти андози маҳалли баҳисобгирӣ ё ба раёсатҳои андоз дар ВМКБ, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе ва Раёсати андози андозсупорандагони калон;

3) Китоби шикоятҳои шаҳрвандон ва андозсупорандагон нисбат ба кормандони мақомоти андоз, ки дар сомонаи Кумитаи андоз (www.andoz.tj) ҷойгир карда шудааст;

4) муроҷиату шикоятҳо ба телефони «боварӣ» 2330905, ба рақами содакардашудаи «151»-и шуъбаи иттилоот ва баррасии муроҷиатҳои электронии (Call-center) Кумитаи андоз;

5) муроҷиатҳо ва шикоятҳо тавассути почтаи электронии Кумитаи андоз info@andoz tj;

6) муроҷиатҳо бо усули электронии “ЧАТ”.

14. Ҳуҷҷати тасдиқкунандаи қабули арзу шикоят ба амали (бе амалии) кормандони масъули мақомоти андоз дар мавриди шахсан ташриф овардани андозсупоранда ба шуъбаҳои коргузорӣ нусхаи дуюми номаи шикоятӣ, ки дар он ному насаби қабулкунанда, имзо, санаи қабул ва муҳр гузошта мешавад, эътироф мегардад.

Дар мавриди тавассути почта (аз ҷумла электронӣ) қабул намудани арзу шикоят, санаи қабул гузоштани муҳри воридотии шуъбаҳои (бахшҳои) коргузории мақомоти андоз мебошад.

15. Арзу шикоят ба амалӣ (бе амалии) кормандони масъули мақомоти андоз бо назардошти қонунгузорӣ дар муҳлатҳои муқарраргардида баррасӣ гардида, аз натиҷааш ба муроҷиаткунанда маълумоти хаттӣ ирсол карда мешавад.

7. Ахбороти тамосӣ

16. Дар сомонаи Кумитаи андоз (www.andoz.tj), тариқи шуъбаи иттилоот ва баррасии муроҷиатҳои электронӣ бо рақами телефонии содакардашудаи «151» андозсупоранда метавонад:

1) оид ба гузаронидани чорабиниҳои Кумитаи андоз, суроғаҳои мақомоти андози ҷумҳурӣ ахборот гирад;

2) аз санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, дастурамалҳо, мактубҳои тавзеҳотӣ оид ба масъалаҳои андозбандӣ истифода намояд ва маълумот гирад;

3) аз хизматрасониҳои «Ҳуҷраи шахсии андозсупоранда» тавассути сомона истифода намояд;

4) сатҳи хизматрасониҳои воҳидҳои сохтории мақомоти андоз ва кормандони онро баҳогузорӣ намояд, эрод гирад ва пешниҳодҳои худро манзур намояд.

17. Доир ба гирифтани маълумот дар бораи РМА ва РЯМ андозсупоранда метавонад бо рақами телефонии содакардашудаи «152» ба шуъбаи иттилоот ва баррасии муроҷиатҳои электронии Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон муроҷиат намояд ё аз сомонаи Кумитаи андоз (www.andoz.tj) аз саҳифаи “Донистани РМА” ба таври электронӣ рақами мушаххаси андозсупорандаи худро пайдо менамояд.

18. Шаҳрвандоне, ки соҳиби рақами мушаххаси андозсупоранда нашудаанд ва ба синни 16- солагӣ расидаанд, метавонанд тавассути сомонаи Кумитаи андоз (www.andoz.tj), бо истифода аз саҳифаи “Шахсони воқеӣ” ва зербахши “Баҳисобгирии РМА” маълумоти дахлдорро ворид намуда, дар реҷаи вақти мустақим (онлайн) ба таври электронӣ рақами мушаххаси андозсупоранда гиранд.

Замимаи №2
Ба фармоиши Кумитаи андози
назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «17» июни соли 2025, № 396

## СТАНДАРТИ ЯГОНАИ ХИЗМАТРАСОНӢ БА АНДОЗСУПОРАНДАГОН

<table>
<tr><th>Рамзи хизмат-расонӣ</th><th>Номгӯи хизматрасонӣ</th><th>Муҳлати иҷро</th><th>Лаҳзаи анҷоми хизматрасонӣ</th><th>Асос (санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ)</th><th>Арзиши хизматрасонӣ</th><th>Масъули хизматрасонӣ</th></tr>
<tr><td>1</td><td>2</td><td>3</td><td>4</td><td>5</td><td>6</td><td>7</td></tr>
<tr><td>01.00.00</td><td colspan="6">СЯХ «Оид ба баҳисобгирии андозсупорандагон, гузоштан дар баҳисобгирӣ – бақайдгирии андозӣ»</td></tr>
<tr><td>01.01.01.</td><td>Баҳисобгирии шахсони воқеӣ дар мақомоти андоз</td><td>Дар реҷаи вақти воқеӣ, на дертар аз 24 соат, баъд аз пешниҳоди ариза</td><td>Ирсоли Шаҳодатномаи РМА (электронӣ)</td><td rowspan="3">Моддаҳои 78 ва 79 КАҶТ ва ҚҶТ «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ»</td><td rowspan="3">Ройгон</td><td rowspan="3">Шуъба ва бахшҳои бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ дар шаҳру ноҳияҳо</td></tr>
<tr><td>01.01.02.</td><td>Баҳисобгирии шахсони ҳуқуқӣ – резидент</td><td>Дар реҷаи вақти воқеӣ, на дертар аз 24 соат, баъд аз пешниҳоди ариза</td><td>Ирсоли Шаҳодатномаи РМА (электронӣ)</td></tr>
<tr><td>01.01.03.</td><td>Баҳисобгирӣ ва аз ҳисоббарории мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳод-ияҳои ҷамъиятӣ, динӣ, ташкилоти ҷамъиятии давлатҳои хориҷӣ ва филиалу намояндагиҳои онҳо, филиалҳо ва намояндагиҳои шахсони ҳуқуқии хориҷӣ, намояндагиҳои дипломатӣ</td><td>То 24 соат баъд аз пешниҳоди ариза ва ҳуҷҷатҳои зарурӣ</td><td>-ирсоли Шаҳодатномаи РМА<br>-пешниҳоди маълумот (электронӣ)</td></tr>
</table>

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 01.01.04. | Баҳисобгирӣ ва аз ҳисобарории хизматрасонии фосилавии шахсони хориҷӣ | То 24 соат аз лаҳзаи пешниҳоди ариза ва ҳуҷҷатҳои зарурӣ | -ирсоли Шаҳодатномаи баҳисобгирӣ -пешниҳоди маълумот (электронӣ) | Моддаҳои 78 ва 79 КАҶТ | Ройгон | Раёсати маъмурикунонии андоз ва таъмини иҷрои уҳдадориҳои андозӣ |
| 01.01.05. | Пешниҳод ва бекор кардани РСБ | То 24 соат баъд аз пешниҳоди ариза ва ҳуҷҷатҳои зарурӣ | - ирсоли Тасдиқнома оид ба РСБ - ворид намудани маълумоти дахлдор ба СИА (электронӣ) | Моддаҳои 79 ва 105 КАҶТ ва ҚҲҶТ аз 29.07.2022, №360 | | Шуъбаҳои баҳисобгирии даромадҳои мақомоти ҳудудии андоз |
| **02.00.00** | **СЯХ «Оид ба бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ»** | | | | | |
| 02.02.01. | Қабули ариза ва ҳуҷҷатҳо барои бақайдгирии давлатӣ | Дар реҷаи вақти воқеӣ | Ирсоли забонхат (электронӣ) | ҚҶТ «Дар бораи | Ройгон | Бахшҳои бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ дар шаҳру ноҳияҳо |
| 02.02.02. | Бақайдгирии давлатии:<br>а) Шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ;<br>б) қатъ гардидани фаъолияти соҳибкори инфиродӣ. | Дар реҷаи вақти воқеӣ, на дертар аз 24 соат, баъд аз пешниҳоди ариза | Ирсоли:<br>а) патент, шаҳодатнома ва иқтибос аз ФЯД<br>б) иқтибос аз ФЯД(электронӣ) | | | |
| 02.02.03. | Бақайдгирии давлатии<br>а) Таъсисёбии шахси ҳуқуқӣ,<br>б) Таъсисёбии филиал ва намояндагии шахсони ҳуқуқии хориҷӣ, | То 24 соат аз лаҳзаи пешниҳоди ариза ва ҳуҷҷатҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ | Ирсоли: - Шаҳодатнома ва иқтибос аз ФЯД (электронӣ) | | | |
| 02.02.04. | Бақайдгирии давлатии: | То 24 соат аз лаҳзаи пешниҳоди ариза гузоштан ба марҳилаи | Ирсоли:<br>а)Шаҳодатнома, иқтибос аз ФЯД | | | |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | а) Барҳамдиҳии шахси ҳуқуқӣ ва ворид намудани маълумот ба ФЯД<br>б) Қатъи фаъолияти филиал ва намояндагии шахсони ҳуқуқии хориҷӣ. | барҳамдиҳӣ (давраи баррасӣ то 2 моҳ) | б) Иқтибос аз ФЯД (электронӣ) | бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» | Ройгон | Бахшҳои бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ дар шаҳру ноҳияҳо |
| 02.02.05. | Ворид намудани тағйиру иловаҳо дар ФЯД нисбати шахсони ҳуқуқӣ, соҳибкорони инфиродӣ, филиал ва намояндагии шахсони ҳуқуқии хориҷӣ | То 24 соат аз лаҳзаи пешниҳоди ариза ва ҳуҷҷатҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ | Ирсоли Иқтибос аз ФЯД, нусхаи ҳуҷҷати бақайдгирӣ (электронӣ) | | | |
| 02.02.06. | Пешниҳоди маълумот аз ФЯД ва ё «Нусхаи (дубликат)» -и ҳуҷҷати бақайдгирии давлатӣ (шаҳодатнома, патент) тибқи дархост | | | | | |
| 02.02.07. | Ворид намудани тағйирот ба ФЯД нисбати шахсони ҳуқуқӣ вобаста ба таъсис додани филиалу намояндагӣ | То 24 соат аз лаҳзаи пешниҳоди ариза ва дигар ҳуҷҷатҳои заруӣ | Ирсоли Иқтибос аз ФЯД (электронӣ) | | | |
| 02.02.08. | Пешниҳоди маълумот аз ФЯД тибқи дархости хаттии мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва судҳо | | Маълумот аз ФЯД дар шакли маълумотнома | ҚҶТ “Дар бораи муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ” | Ройгон | |
| **03.00.00** | **СЯХ « Оид ба бақайдгирӣ ва бекор кардани шаҳодатномаи андоз аз арзиши иловашуда (ААИ), бақайдгирии объектҳои бизнеси бозӣ»** | | | | | |
| 03.03.01. | Бақайдгирӣ ва ё бекор кардани бақайдгирии шахсони ҳуқуқӣ ва | То 10 рӯзи корӣ баъди пешниҳоди ариза ва ҳуҷҷатҳои зарурӣ | Ирсоли Шаҳодатномаи бақайдгирӣ ва ё | | | |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | ғайрирезидентҳо ҳамчун супорандагони ААИ | | хориҷ намудан аз Феҳристи супорандагони ААИ (электронӣ) | Моддаи 245 КАҶТ | Ройгон | Раёсати маъмурикунонии андоз ва таъмини иҷрои уҳдадориҳои андозӣ, Шуъбаи ташкил ва назорати иҷрои уҳдадориҳои андозии мақомоти ҳудудии андоз |
| 03.03.02. | Додани Шаҳодатнома оид ба азнавбақайдгирии супорандаи ААИ, нисбати ворисӣ ҳуқуқӣ ва ё шахсоне, ки аз корхонаҳои асосӣ ҷудо шудаанд | То 10 рӯзи корӣ пас аз қабули ариза ва ҳуҷҷатҳои зарурӣ | Ирсоли Шаҳодатномаи бақайдгирӣ (электронӣ) | | | |
| 03.03.03. | Бекор кардани ҳисобнома-фактураи ААИ | То 2 рӯзи корӣ | Ворид намудани маълумот ба СИА | | | |
| 03.03.04. | Пешниҳоди тамғаҳои аксизӣ бо муроҷиати хаттии андозсупоранда | То 5 рӯзи корӣ пас аз қабули ариза | Супоридани тамғаҳои аксизӣ | Моддаи 295 КАҶТ | Арзиши тамғаҳои аксизӣ бо ҚҲҶТ муқаррар шудааст | Раёсатҳои маъмурикунонии андоз ва таъмини иҷрои уҳдадориҳои андозӣ ва молиявию хоҷагидорӣ |
| 03.03.05. | Бақайдгирии объектҳои бизнеси бозӣ (ворид кардани тағйироти миқдории объектҳо ё қатъ кардани истифодаи объектҳо) | То 10 рӯзи тақвимӣ аз лаҳзаи муроҷиат | Ирсоли Шаҳодатнома (электронӣ) | Моддахои 391 ва 394 КАҶТ, қарорҳои маҷлиси вакилони халқи шахру ноҳияҳо | Ройгон | Шуъбаи ташкил ва назорати иҷрои уҳдадориҳои андозии мақомоти ҳудудии андоз |
| 03.03.06. | Бақайдгирии барориш ва фурӯши лотерея, инчунин тағйироти миқдории объекти андозбандӣ ва ба анҷом расонидани фурӯши лотереяҳо | То 10 рӯзи тақвимӣ аз лаҳзаи муроҷиат | Ирсоли Шаҳодатнома (электронӣ) | | | |
| **04.00.00** | **СЯХ « Оид ба баҳисобгирии (бақайдгирии) андозҳо аз молу мулк (андоз аз объектҳои ғайриманқул, андози замин ва андози воситаҳои наклиёт) ва объектҳои ба андозбандӣ алоқаманд»** | | | | | |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 04.04.01. | Баҳисобгирии (бақайдгирии) молу мулк (аз ҷумла объектҳои ғайриманқул, қитъаҳои замин ва воситаҳои нақлиёт) | Дар реҷаи вақти воқеӣ, тибқи маълумот аз мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба бақайдгирии воситаҳои нақлиёт ва молу мулки ғайриманқул | Ворид намудани маълумотҳои дахлдор ба модули СИА | Моддаи 78 КАҶТ | Ройгон | Шуъбаи ташкили андозбандӣ аз шахсони воқеии мақомоти ҳудудии андоз |
| 04.04.02. | Бақайдгирии шахсони воқеӣ ба сифати иҷорадиҳандаи молу мулк (объекти ғайриманқул, қитъаҳои замин ва воситаҳои нақлиёт) | Дар реҷаи вақти воқеӣ, на дертар аз 24 соат, баъд аз пешниҳоди ариза | Ирсол намудани гувоҳнома (электронӣ) | Моддаи 187 КАҶТ | | |
| 04.04.03. | Додани огоҳинома оид ба пардохти маблағҳои ҳисобшудаи андоз аз молу мулки ғайриманқули шахсони воқеӣ | На дертар аз санаи 1 феврали соли ҷорӣ | Ирсол намудани огоҳинома (электронӣ) | Моддаҳои 87 ва 355 КАҶТ | | |
| 04.04.04. | Ворид намудани тағйиру иловаҳо ба СИА ҳангоми иваз шудани соҳибмулк ва ё зиёду кам шудани масоҳати молу мулк ва дигар объекти андозбандишаванда тибқи маълумоти аз мақоми ваколатдор пешниҳодшуда | То 24 соат аз лаҳзаи муроҷиат ё бо ташаббуси мақомоти андоз | Ворид намудани маълумот ба СИА | Моддаи 78 КАҶТ | | |
| **05.00.00** | **СЯХ « Оид ба қабули эъломияҳои (ҳисоботҳои) андоз»** | | | | | |
| 05.05.01. | Пешниҳоди эъломияҳои (ҳисоботи) андоз:<br>а) электронӣ<br>б) коғазӣ<br>в) тариқи терминалҳои хизматрасонӣ | а) дар реҷаи вақти воқеӣ<br>б) на зиёда аз 15 дақиқа | а) ирсоли СМС – паёмак<br>б)пешниҳоди нусхаи дуюми эъломия бо гузоштани қайд | Моддаҳои 99 ва 100 КАҶТ | | Шуъбаи ташкил ва назорати иҷрои уҳдадориҳои андозии мақомоти ҳудудии андоз |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | в) то 15 дақиқа (ҳангоми набудани навбат) | | | | |
| 05.05.02. | Пешниҳоди эъломияҳои андоз аз даромади шахсони воқеӣ барои соли ҳисоботӣ, аз он ҷумла аз иҷораи молу мулк | То санаи 1 –уми апрел, баъди соли ҳисоботӣ (дар реҷаи вақти воқеӣ) | Дарҷи маълумот- дар ҳисобварақа (электронӣ) | Моддаи 241 КАҶТ | | Шуъбаи ташкили андозбандӣ аз шахсони воқеии мақомоти ҳудудии андоз |
| 05.05.03. | Пешниҳоди эъломияи андоз оид ба даромад ва вазъи амволи хизматчии давлатӣ | Дар реҷаи вақти воқеӣ | Пешиҳоди маълумотнома (электронӣ) | Моддаи 241 КАҶТ | | |
| 05.05.04. | Ирсоли огоҳиномаҳо ба суроғаи электронии андозсупорандагоне, ки эъломияҳои андозро пешниҳод накардаанд | Аз санаи 16-ум то 30-уми моҳи минбаъдаи ҳисоботӣ | Пешниҳоди огоҳинома (электронӣ) | Моддаи 87 КАҶТ | Ройгон | Шуъбаи ташкил ва назорати иҷрои ухдадориҳои андозии мақомоти ҳудудии андоз, КВД «МБМА» |
| 05.05.05. | Пардохти андозҳо бо истифода аз корти бонкӣ ва ё дигар воситаҳои пардохт | Дар вақти воқеӣ, вале на дертар аз 1 рӯзи корӣ | Ба тариқи электронӣ пардохт намудани андоз | | | Раёсати бахисобгирӣ ва коркарди маълумотҳо, КВД «МБМА» |
| 05.05.06. | Иттилоот дар бораи интихоби контрагент | Дар реҷаи вақти воқеӣ, аз сомонаи Кумитаи андоз ё хуҷраи шахсӣ | Гирифтани маълумот оид ба контрагентҳо | Моддаи 39 КАҶТ ва тартиби дохилиидоравӣ | Ройгон | КВД «МБМА» |
| **06.00.00** | **СЯХ «Оид ба додани маълумотномаҳо дар бораи ҳолати ҳисоббаробаркунӣ бо буҷети давлатӣ, тартиб додани санади муқоисавӣ»** | | | | | |
| 06.06.01. | Пешниҳоди маълумотнома ба андозсупоранда дар бораи мавҷуд набудани қарзҳои андоз | Дар реҷаи вақти воқеӣ, на дертар 1 рузи корӣ аз лаҳзаи мурочиат | Пешниҳоди маълумотнома ва санади муқоисавӣ (электронӣ) | Моддаҳои 33 ва 168 КАҶТ | | |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 06.06.02. | Додани маълумотнома дар бораи пардохти андозҳо аз даромад ва иҷтимоӣ бо мақсади таъмини ҳифзи иҷтимоии СИ (патент, шаҳодатномаи шартҳои махсус ва хоҷагии деҳқонӣ) | Дар речаи вақти воқеӣ, на дертар 1 рузи корӣ аз лаҳзаи муроҷиат | Пешниҳоди маълумотнома (электронӣ) | Моддаи 33 КАҶТ | | Шуъба ва бахшҳои баҳисобгирии даромадҳои мақомоти ҳудудии андоз |
| 06.06.03. | Баррасии маблағҳои саҳван (номуайян) ба буҷет воридшуда тибқи муроҷиати андозсупорандагон | То 10 рӯзи корӣ баъд аз муроҷиати андозсупоранда | Пешниҳоди санади муқоисавӣ (электронӣ) | Моддаи 117 КАҶТ | Ройгон | |
| 06.06.04. | Тартиб додани санади муқоисавӣ | То 1 рӯзи корӣ аз лаҳзаи муро-ҷиати андозсу-поранда | Пешниҳоди санади муқоисавӣ (электронӣ) | Моддаи 34 КАҶТ | | Шуъба ва бахшҳои баҳисобгирии даромадҳо ва Шуъбаи ташкил ва назорати иҷрои уҳдадориҳои андозии мақомоти ҳудудии андоз |
| 06.06.05. | Баррасӣ намудани муроҷиати ғайрирезидент оиди татбиқи муқаррароти шартномаҳои байналмилалӣ | То 10 рӯзи тақвимӣ аз лаҳзаи пешниҳоди ариза ва замимаи ҳуҷҷатҳо | Тасдиқ ё рад намудани муроҷиат | Моддаи 177 КАҶТ, Дастурамал “Дар бораи шартномаҳои байналмилалӣ | Ройгон | Раёсати ҳамкориҳои байналмилалии КА, мақомоти ҳудудии андоз |
| 06.06.06. | Пешниҳоди маълумотнома ба ғайрирезидент оид ба даромадҳои гирифташуда аз сарчашмаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва андозҳои нигоҳдошташуда | То 5 рӯзи корӣ (дар асоси аризаи хаттӣ) | Пешниҳоди маълумотнома | Моддаи 178 КАҶТ | Ройгон | Мақомоти ҳудудии андоз |
| **07.00.00.** | | | | | | |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | **СЯХ « Оид ба додани хулоса ҷиҳати баргардонидан ва ё баҳисобгирии маблаҷи барзиёд пардохташудаи андозҳо, фоизҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет»** | | | | | |
| 07.07.01. | Пешниҳоди хулоса ҷиҳати баҳисобгирии маблағи барзиёд пардохташудаи андозҳо, фоизҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет | То 30 рӯзи тақвимӣ | Пешниҳоди хулоса дар бораи баргардонидани маблағ | Моддаҳои 42 ва 274 КАҶТ | Ройгон | Мақомоти ҳудудии андоз |
| 07.07.02. | Пешниҳоди хулоса оид ба баргардонидани маблағи барзиёд баҳисобгирифтаи ААИ нисбат ба маблағи ҳисобшудаи он | То 30 рӯзи тақвимӣ | Пешниҳоди хулоса дар бораи баргардонидани маблағ | Моддаҳои 42 ва 274 КАҶТ | Ройгон | Раёсати маъмури-кунонии андоз ва таъмини иҷрои уҳдадориҳои андозӣ, мақомоти ҳудудии андоз |
| 07.07.03. | Пешниҳоди хулоса оид ба баргардонидани ААИ ба намояндагиҳои дипломатӣ, консулгарӣ ва ба онҳо баробаркардашуда, инчунин ҳайати кормандони онҳо, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аккредитатсия шудаанд | То 30 рӯзи тақвимӣ | Пешниҳоди хулоса | Моддаи 276 КАҶТ | Ройгон | Раёсатҳои маъмурикунонии андоз ва таъмини иҷрои уҳдадориҳои андозӣ, баҳисобгирӣ ва коркарди маълумотҳо, раёсатҳои андоз дар ш.Душанбе ва вилоятҳо |
| 07.07.04. | Баргардонидани андози аксизӣ пас аз баҳисобгирии аксиз дар ҳолати истифода гардидани молҳои зераксизӣ ҳамчун ашёи хоми асосӣ | То 30 рӯзи тақвимӣ, баъд аз пешниҳоди ҳуҷҷатҳои дахлдор | Пешниҳоди маълумоти хаттӣ | Моддаи 288 КАҶТ | Ройгон | Раёсатҳои маъмурикунонии андоз ва таъмини иҷрои уҳдадориҳои андозӣ, баҳисобгирӣ ва коркарди маълумотҳо, мақомоти ҳудудии андоз |

<table>
<tr><td>08.00.00.</td><td colspan="6">СЯХ “Оид ба додани тасдиқнома ҳангоми содироти алюминийи аввалия”</td></tr>
<tr><td>08.08.01.</td><td>Пешниҳоди тасдиқнома барои содироти алюминийи аввалия</td><td>То 3 рӯзи корӣ баъд аз пешниҳоди ҳуҷҷати пардохти андоз аз фурӯш</td><td>Пешниҳоди тасдиқнома</td><td>Моддаи 340 КАҶТ</td><td>Ройгон</td><td>РААК</td></tr>
<tr><td>09.00.00.</td><td colspan="6">СЯХ « Оид ба гузариш аз як низоми андозбандӣ ба дигар низоми андозбандӣ»</td></tr>
<tr><td rowspan="5">09.09.01.</td><td>Гузариш:<br>- аз тартиби андозбандӣ тибқи Патент (Шаҳодатнома бо шартҳои махсус) ба Шаҳодатнома</td><td>То 3 рӯзи корӣ</td><td>Бо тартиби муқарраршуда</td><td>Моддаи 369 КАҶТ ва ҚҲҶТ №151 аз 31.03.2022</td><td>Ройгон</td><td rowspan="2">Шуъбаҳои ташкил ва назорати иҷрои уҳдадориҳои андозии мақомоти ҳудудии андоз ва Бахшҳои бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ</td></tr>
<tr><td>- аз соҳибкори инфиродии тибқи Шаҳодатнома фаъолиятдошта ба шахси ҳуқуқӣ</td><td>То 10 рӯзи корӣ</td><td>Бо тартиби муқарраршуда</td><td>Моддаи 375 КАҶТ ва ҚҲҶТ №151 аз 31.03.2022</td><td>Ройгон</td></tr>
<tr><td>- аз низоми содакардашудаи андозбандӣ ба низоми умумӣ</td><td>То 10 рӯзи корӣ</td><td>Бо тартиби муқарраршуда</td><td rowspan="2">Моддаи 375 КАҶТ</td><td rowspan="3">Ройгон</td><td rowspan="3">Шуъбаи ташкил ва назорати иҷрои уҳдадориҳои андозии мақомоти ҳудудии андоз</td></tr>
<tr><td>- аз низоми умумии андозбандӣ ба низоми содакардашуда</td><td>То 10 рӯзи корӣ</td><td>Бо тартиби муқарраршуда</td></tr>
<tr><td>Интихоби усули ҳисобдорӣ дар низоми содакардашудаи андозбандӣ</td><td>То 10 рӯзи кори баъд аз мурочиат</td><td>Бо тартиби муқарраршуда</td><td>Моддаи 374-375 КАҶТ</td></tr>
<tr><td>09.09.02.</td><td>Ба қайди махсус гирифтани иштирокчиёни касбии бозори коғазҳои қиматнок, ҷиҳати бархурдор гардидан аз имтиёзҳои андозӣ</td><td>То 10 рӯзи тақвимӣ баъд аз пешниҳоди маълумот аз биржаи фондӣ</td><td>Пешниҳоди шаҳодатнома тибқи шакли муқараршуда</td><td>Моддаи 366 КАҶТ</td><td>Ройгон</td><td>Раёсати маъмурикунонии андоз ва таъмини иҷрои уҳдадориҳои андозӣ</td></tr>
</table>

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **10.00.00** | **СЯХ « Оид ба пешбурди корҳои фаҳмондадиҳӣ ва тавзеҳотӣ»** | | | | | |
| 10.10.01. | Гузаронидани семинар-машваратҳо вобаста ба татбиқи қонунгузории андоз | Дар муҳлатҳои муқарраршуда, мутобиқи нақшаи тасдиқшуда | Бо тартиби муқарраршуда | Моддаи 167 КАҶТ | Ройгон | Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупоран-дагон, дигар раёсатҳо, мақомоти ҳудудии андоз |
| 10.10.02. | Онлайн мушовир (сомонаи КА) | Дар лаҳзаи пешниҳоди дархост | Гирифтани посух ба тариқи электронӣ | | Ройгон | Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупоран-дагон |
| 10.10.03. | Ташкил ва гузаронидани чорабиниҳо, ҷиҳати муайян кардани сифати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон | То санаи 10-уми моҳи минбаъда | Омода намудани маълумотнома | Тартиби дохили идоравӣ | Ройгон | |
| **11.00.00** | **СЯХ « Оид ба баррасии муроҷиатҳо ва шикоятҳои шаҳрвандон ва андозсупорандагон»** | | | | | |
| 11.11.01. | Баррасии шикоятҳои андозсупорандагон нисбат ба санади (қарори) санҷишии андоз ва ғайраҳо | То 30 рӯзи тақвимӣ аз санаи қабули муроҷиат | Ба тариқи хаттӣ ё электронӣ ирсол кардани мактуби ҷавобӣ | Моддаи 159 КАҶТ | Ройгон | Раёсати назорати андоз ва дигар раёсатҳои дахлдор |
| 11.11.02. | Муроҷиатҳои андозсупор-андагон, аз ҷумла додани тавзеҳот оид ба қонун-гузории андоз | То 30 рӯзи тақвимӣ | Ирсол намудани мактуби ҷавобӣ | Моддаи 33 КАҶТ, Қонуни ҶТ «Дар бораи муроҷиатҳои | Ройгон | Раёсатҳои дастгоҳи марказии КА |
| 11.11.03. | Муроҷиати шифоҳии андозсупоранда оид ба додани маълумот вобаста ба татбиқи қонунгузории андоз:<br>- бо роҳи ҳозир шудан | То 10 дақиқа (ҳангоми набудани навбат) | Дарёфти посух | | | Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупоранда-гон ва дигар раёсатҳои дахлдор, мақомоти ҳудудии андоз |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | - бо рақами телефонии содакардашудаи «151» | Дар речаи вақти воқеӣ | Дарёфти посух | шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ» ва тартиби дохили идоравӣ. | | Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорангон |
| 11.11.04. | Муроҷиатҳои андозсупорандагон оид ба ворид намудани ислоҳот дар эъломияҳои (ҳисоботҳои) андозҳо, аз ҷумла ААИ, андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ | То 10 рӯзи корӣ аз лаҳзаи қабули муроҷиат | Ирсол намудани мактуби ҷавобӣ | | Ройгон | Раёсатҳои дастгоҳи марказии КА, КВД «МБМА» |
| 11.11.05. | Муроҷиатҳо ва шикоятҳои шаҳрвандон ва андозсупор-андагон бо истифода аз почтаи электронии КА (info@andoz.tj) | То 5 рӯзи корӣ аз санаи муроҷиат | Ирсол намудани посух тавассути почтаи электронӣ | | | Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупоранда-гон ва дигар раёсатҳои дахлдор |
| **12.00.00** | **СЯХ «Оид ба кушодани ҳуҷраи шахсии андозсупоранда ва пешниҳоди калиди электронӣ»** | | | | | |
| 12.12.01. | Кушодани ҳуҷраи шахсии андозсупоранда дар шакли электронӣ (сомонаи КА) | То 1 рӯзи корӣ аз санаи муроҷиат | Ирсоли логин ва рамз оиди истифодабарии ҳуҷраи шахсӣ | Моддаи 20 КАҶТ, Қонун дар бораи ҳифзи иттилоот | Ройгон | КВД «МБМА» |
| 12.12.02. | Гирифтани сертификати имзои электронии рақамӣ (ИЭР) ба мӯҳлати 1 сол барои пешниҳоди эъломияҳо дар шакли электронӣ | То 3 рӯзи корӣ баъд аз имзои шартнома ва пардохти маблағ | Пешниҳоди сертификати ИЭР | | Тибқи нархномаи тасдиқшуда (хоҷагиҳои деҳқонӣ – ройгон) | |

**Эзоҳ:**

1. Вобаста ба сатҳи хизматрасонӣ дар мақомоти андоз, андозсупоранда метавонад бо рақами телефонии содакардашудаи “151” ба Шуъбаи иттилоотии Кумитаи андоз, тел: 233 09 05, почтаи электронии Кумитаи андоз (info@andoz.tj) ва ё тавассути сомонаи Кумитаи андоз “Баҳогузории сифати хизматрасонӣ” арзу шикоятҳои худро ба Кумитаи андоз иброз намояд.

2. Доир ба гирифтани маълумот дар бораи РМА, РЯМ ва РСБ андозсупоранда метавонад бо рақами телефонии содакардашудаи “152” ба Шуъбаи иттилоотии Кумитаи андоз муроҷиат намояд.

3.Тибқи тартиб ва талаботи муқарраргардида мониторинги сифати хизматрасонӣ ба андозсупорадагон аз ҷониби Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон гузаронида мешавад.

**Ихтисорҳои шартӣ:**

ААИ – Андоз аз арзиши иловашуда;
КАҶТ – Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон;
КА – Кумитаи андози назди Ҳуқумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
ҚҶТ – Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон;
ҚҲҶТ – қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
ДНХ – Дастгоҳи назоратӣ – хазинавӣ;
РМА – Рақами мушаххаси андозсупоранда;
РЯМ – Рақами ягонаи мушаххас;
РСБ – Рамзи сабаби баҳисобгирӣ;
СИ – Соҳибкори инфиродӣ;
СИА – Системаи иттилоотии андоз
СҲИА – Системаи ҳамгироии иттилоотии андоз;
СЯХА – Стандарти ягонаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон;
ФЯД – Феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ.